ТДУ:332.33 (575.3)

# ТАНЗИМИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ЗАМИНҲОИ ОБЁРИШАВАНДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Арабов Ф.П.-** омӯзгори калон, **Холиқов Д.Ф**.- ассистент,ДДФСТ ба номи М. Турсунзода, **Гулбекова С.Дж.-** ассистенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

***Калимаҳои калидӣ:*** *захираҳои обӣ, замин, обёрӣ, рушди устувор, кишоварзӣ, таназзул.*

Дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши аҳолӣ бисёр давлатҳо бо норасоии оби нӯшиданӣ барои таъмини аҳолӣ ва обёрии заминҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ шуда истодаанд. Маҳаки асосии дастрасӣ ба амнияти озуқаворӣ дар бисёр кишварҳо ин дастрасӣ ба об барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, зеро ин бахши иқтисод истифодабарандаи асосии об ба шумор меравад.

Захираи умумии об дар рӯи замин 15,0 миллиард км$^3$ ҳисоб карда шудааст. Аммо, аз ин миқдор танҳо 2,8 фоизашро оби тоза ташкил медиҳад, ки 2,2% -и он ба пиряххои Арктика ва Антарктика рост меояд. Бояд иброз дошт, ки истифодабарандаи асосии захираҳои обӣ соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад ва дар маҷмӯъ, норасоии об дар ҷаҳон аз ҳисоби рушди кишоварзии обёришаванда мебошад. То ибтидои асри 19 масоҳати заминҳои обёришаванда дар ҷаҳон тақрибан 8 милл. га, то ибтидои асри 20-ум 48 милл.га.-ро ташкил медод (рушди васеи обёрӣ дар Ҳиндустон, Миср, ИМА ва дигар кишварҳо). Дар солҳои 1950-ум замини обӣ 121 миллион гектарро ишғол мекард, дар аввали солҳои 70-ум бошад, зиёда аз 225 миллион гектар. Дар охири асри XX заминҳои обёришаванда махсусан дар Ҳиндустон ва Чин ба tavри интенсивӣ ба гардиши кишоварзи ворид карда шудаанд, ки дар соли 2001 Ҳиндустон 54,8 миллион гектар, Чин - 54,4 миллион гектар ё ин, ки - 1,5-2,0 миллион гектар дар як сол рост меояд [6, с.2].

Дар айни замон заминҳои обёришаванда дар ҷаҳон тақрибан 1/5 дарсади тамоми заминҳои корамро ишғол мекунанд, аммо то 1/3 ҳиссаи тамоми маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол менамоянд. Дар баробари ин, Осиё беш аз 60%, ИДМ ва Амрикои Шимолӣ тақрибан 10% ва Аврупо тақрибан 7% -и тамоми заминҳои корами дунёро ташкил медиҳанд.

Аз тамоми заминҳои корам масоҳати нисбатан баландтарини заминҳои обёришаванда - тақрибан 30% ба минтақаи Осиё рост меояд. Аз ин рӯ, масъалаи таъмини аҳолӣ ба озуқаворӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ вобаста ба маҳдудияти захираҳои замин ва махсусан захираҳои об мушкилот боқӣ мондааст. Нақшаҳои гуногуни рушд манзараи дигар медиҳанд, аммо тамоюли коҳиши ҳиссаи заминҳои корам ба ҳар сари аҳолӣ то солҳои 2050-2100 боқӣ мондааст, зеро проблемаи асосии таъмини аҳолии сайёра бо озуқаворӣ то ба ҳол ҳалли худро наёфтааст [7, с.3].




**Расми 1. - Дурнамои таъмини аҳолии ҷаҳон бо заминҳои корам аз рӯи нақшаи миёна ва воқеии пешгӯиҳои демографӣ (га. ба як нафар) [1, с.3].**

Бояд зикр намуд, ки дар даҳсолаҳои наздик инсоният дар ҳолати норасоии глобалии оби тоза қарор мегирад, зеро таъминоти об ба сари як нафар аҳолӣ аз 5000 м$^3$ дар сол торафт паст шуда истодааст. Бо он ки бисёре аз истеъмолкунандагон ба об ниёз доранд, аз ҷумла коммуналӣ ва саноатӣ , кишоварзӣ , ки айни замон бузургтарин истеъмолкунандаи об аст, дар ҳолати душвор қарор дорад.

Тибқи ҳисобҳои обу ҳавошиносон, ҳамасола то сад ҳазор километри мукааб об ба сатҳи Замин дар шакли боришот аз атмосфера меояд, ки аз он 40% -и захираҳои обӣ аз нав барқарор мешаванд. Барои таъмини зиндагии аҳолӣ ва фаъолияти иқтисодӣ зиёда аз 4 ҳазор $м^3$ об масраф мешавад, аз ҷумла, ба як нафар солона 700 метри $м^3$ ва дар соҳаи кишоварзӣ барои обёрии замин тақрибан 3 ҳаз. $м^3$ сарф мекунад (ҷадв. 1.).

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои истифдаи захираҳои обӣ дар бахши иқтисод дар минтақа ва ҷаҳон**

| ИСТИФОДАИ ОБ ДАР СОҲАИ ИҚТИСОД | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давлат, Минтақа** | **Нишондиҳандаҳо** | | | | | |
| | **Истифодаи умумии об дар бахши иқтисод** | | | | **Истифодаи умумии об, км³/сол** | **Ҳамагӣ** |
| | **Саноатӣ + шахрӣ** | | **Кишоварзӣ** | | | |
| | **км³/сол** | **%** | **км /сол** | **%** | | |
| Ҳамагӣ дар ҷаҳон | 1196 | 31 | 2722 | 69 | 3918 | 3763 |
| Африқо | 38 | 18 | 174 | 82 | 213 | 199 |
| Африқои Шимолӣ | 15 | 16 | 79 | 84 | 94 | 82 |
| Суб-Сахара (Сахель) | 24 | 20 | 95 | 80 | 118 | 117 |
| Амрико | 418 | 49 | 430 | 51 | 847 | 843 |
| Амрикои Шимолӣ | 345 | 57 | 259 | 43 | 604 | 600 |
| Мексика | 18,7 | 23 | 61,6 | 77 | 80,3 | 79,5 |
| Амрикои Марказӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб | 10 | 37 | 17 | 63 | 27 | 27 |
| Амрикои Ҷанубӣ | 62 | 29 | 154 | 71 | 216 | 216 |
| Осиё | 472 | 19 | 2035 | 81 | 2507 | 2373 |
| Эрон | 7,3 | 8 | 86,0 | 92 | 93,3 | 92,9 |
| Шарқи Наздик | 28,6 | 21 | 103,3 | 78 | 131,8 | 127,6 |
| Осиёи Марказӣ | 17 | 12 | 128 | 89 | 145 | 136 |
| Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ | 410 | 19 | 1676 | 80 | 2086 | 1969 |
| Осиёи Ҷанубӣ | 90,2 | 9 | 912,8 | 91 | 1003,1 | 889,6 |
| Осиёи Шарқӣ | 241,3 | 36 | 435,4 | 64 | 676,8 | 673,2 |
| Аврупо | 260 | 78 | 73 | 22 | 333 | 332 |
| Аврупои Ғарбӣ ва Марказӣ | 181 | 76 | 58 | 24 | 239 | 237 |
| Кишварҳои баҳри Миёназамин | 43,7 | 48 | 48,0 | 52 | 91,7 | 90,8 |
| Аврупои Шарқӣ | 80 | 84 | 15 | 16 | 95 | 95 |
| Аврупои Шарқӣ | 26,9 | 94 | 1,7 | 6 | 28,6 | 28,5 |
| Русия | 53,0 | 80 | 13,2 | 20 | 66,2 | 66,2 |
| Океания | 8 | 40 | 11 | 60 | 18 | 1 |

**Сарчашма: Таъминоти об дар соҳаи кишоварзии ҷаҳон барои заминҳои обёришаванда // Иқтисоди кишоварзии Русия. -2017. -№12. - С. 80-89.**

Масъалаи дигари глобалии истифодаи об вазъи ҳавзаҳои обҷамъшаванда мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқоте, ки дар 128 ҳавзаи дарёи калонтарин дар ҷаҳон гузаронида шудааст, ба хулосае омаданд, ки аз 20 то 50% -и онҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, барқарорсозӣ ва тадбирҳои муҳофизатиро барои ба ҳолати қаноатбахши экологӣ расонидан талаб мекунанд.

Сабабҳои асосии коҳиш ёфтани заминҳои обёришавандаи бахши кишоварзӣ - ин хушкшавии манбаъҳои обёрӣ , фарсудашавӣ ва дар ҳолати бад қарор доштани системаҳои обёрӣ мебошанд. Таҷдиди табиии обанборҳо дар ин ҳолатҳо нобаробар аст, зеро он ба шароити табиӣ ва иқлимӣ вобаста аст.

Дар давоми ду даҳсолаи охир коҳиши аз ҳама зиёди заминҳои обёришаванда дар Мадагаскар (15,9 маротиба), Коста-Рика (15,8 маротиба), Қирғизистон (8 маротиба), Мексика (5,8 маротиба), Арабистони Саудӣ (4 маротиба), Чили (3,7 маротиба) ба чашм мерасад [3, с.84]. Новобаста аз ин, як қатор кишварҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҳиссаи заминҳои обёришаванда меафзоянд, аз ҷумла Бангладеш ва Ҳиндустон. Ин давлатҳо кишварҳои аграрӣ ба ҳисоб меравaнд, сатҳи таваллуд ва сатҳи камбизоатӣ дар байни аҳолии деҳот баланд аст. Барои таъмини аҳолӣ бо ғизо ин давлатҳо маҷбуранд майдони заминҳои обиро зиёд кунанд.

Бояд зикр кард, ки 90 фоизи маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заминҳои обёришаванда рост меояд. Соҳаи кишоварзӣ бузургтарин истеъмолкунандаи об ба ҳисоб меравад ва тақрибан 94% оби истифодашуда ба он рост меояд. Тақрибан 70% аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар ҷумҳурӣ дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд [4, с.84]. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози боигарии захираҳои обӣ мавқеи мустаҳкам дорад. Асоси захираҳои оби Тоҷикистонро пиряхҳо

ташкил медиҳанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 845 км$^3$ мебошад. Шумораи пиряххо дар ҷумҳурӣ ба зиёда аз 14509 адад мерасад ва масоҳати умумии онҳо 11146 км$^2$ мебошад.

Дар Тоҷикистон миқдори зиёди истифодаи солонаи об ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд (73% ҳаҷми умумӣ ва 90,2% -и истифодаи об дар соҳаи саноатиро ташкил медиҳад), яъне, кишоварзии обёришаванда (дар бахши кишоварзӣ обро асосан барои обёрии заминҳо истифода мебарад ва танҳо 4 % барои дигар корҳои кишоварзӣ равона мегардад). Ба заминҳои обёришаванда беш аз 90 % -и ҳаҷми умумии оби дар кишоварзӣ истифодашаванда рост меояд. Табиист, ки барои таъмини озуқавории аҳолӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани мардуми деҳот истифодаи оқилона ва миқдори зарурии об дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. - Истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. м$^3$**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1990 | 1995 | 2000 | 2015 | 2015 нисбат ба соли 1990 | |
| | | | | | в лн.м$^3$ | в % |
| Гирифтани об | 13662 | 12909 | 13379 | 10700 | 2968 | 78,3 |
| Истифодаи об | 12046 | 11874 | 10197 | 8816 | 3230 | 73,2 |
| Истифодабарии об дар соҳаи иқтисоди миллӣ: барои обёрӣ | 9895 | 9639 | 8676 | 7468 | 2427 | 75,5 |
| Саноат | 594 | 944 | 535 | 525 | 69 | 88,4 |
| Бо об таъминкунии шаҳрҳо | 485 | 612 | 384 | 383 | 102 | 78,9 |
| Бо об таъминкунии кишоварзӣ | 696 | 659 | 602 | 440 | 256 | 63,2 |
| Хоҷагиҳои моҳипарварӣ | 2 | - | -- | - | - | - |
| Дигар истифодабарандагони об | 374 | 20 | 0 | - | - | - |

**Маъхаз:** **Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон. Эзоҳ: (-) - вуҷуд надоштани маълумоти аниқ**

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки сарфи об дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ , пеш аз ҳама, дар кишоварзӣ , бахусус барои обёрӣ ҳамоно аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд аст. Сабаби аз ҳама зиёд истифода бурдани захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар минтақаи барои обёрикунонӣ эҳтиёҷдошта («минтақаи аридӣ») ҷойгир шудааст ва аз ҳамин хотир зиёда аз 90 % маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ аз заминҳои обӣ ба даст меояд. Дар ҳолати истифодаи захираҳои обӣ дар миқёси 100%-и соҳаҳои кишоварзӣ , вобаста ба шароити табиӣ, кишти зироатҳо ва обёрӣ то 65-70 % захираҳои об барои кишоварзӣ ҷудокардашуда, маҳз барои обёрӣ сарфгардидаро истеъмол мекунад, қисми боқимондаи он 15 % (албатта аз 85 % ба соҳаи кишоварзӣ рост омада) барои таъмини фермаҳои чорводорӣ бо захираҳои об, маҳаллаҳои аҳолинишин ва обшоркунии чарогоҳҳо сарф мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки расидан ба сатҳи баланди ҳосилнокии об ва истифодаи оқилонаи он дар заминҳои обёришаванда метавон бо роҳҳи афзоиши ҳосили зироатҳои кишоварзӣ тақрибан 1,5-4,5 маротиба, бо роҳи парвариши зироатҳои сердаромад ва паст кардани сатҳи талафоти об ба таври назаррас (1,3-6,0 маротиба) даст ёфт. Дар соли 2015 самаранокии умумии системаҳои обёрии Тоҷикистон 0,55 фоиз буд ва ин нишондиҳанда дар соли 1990 он 0,59 дарсадро ташкил медод.

Истифодаи системаҳои қатрагӣ ва обёрии хурд имкон медиҳад, ки ҳосили зироатҳои кишоварзӣ дар муқоиса бо обёрӣ тариқи ҷӯякҳо 1,5-2,0 фоиз афзояд. Дар ин ҳолат сарфи об то ду баробар кам карда мешавад ва ҳаҷми истеҳсоли як метри мукааб об то 4-5 маротиба меафзояд.

Таҳлили вазъи заминҳои обёришаванда нишон медиҳад, ки ҳосилнокии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон паст мебошад. Масалан, ҳосили зироатҳои асосӣ (гандум 2,2 тонна/га, пахта 1,7 тонна/га). Ин нишондиҳанда дар Ӯзбекистон (гандум 4,5 тонна/га, пахта 2,3 тонна/га) мебошад, ки нисбатан хеле паст аст. Ҳосилнокии об барои обёрӣ дар Тоҷикистон низ паст аст. Дар ҳоле ки ҳосилнокии об барои гандуми пурра обёришаванда (бидуни маҳдудияти об) бо намнокии мувофиқ бояд аз 0,8 то 1,0 кг/м$^3$ бошад, дар соли 2015 он камтар аз 0,5 кг/м$^3$ дар ҳар чор ҳавзаи дарёҳо ҳисоб карда шудааст. Ҳосилнокии пасти заминҳои обёришаванда ва мушкилоти обёрӣ барои хоҷагиҳо маҳдудияти молиявӣ барои сармоягузорӣ ба бор меоварад [5, с.585].

Аммо, вазъи маҷмааи хоҷагии оби ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки аз соли 2015 инҷониб итифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ тамоюли камшавӣ дорад. Сабаби асосии

он вайрон шудани насосҳо ва каналҳои обёрӣ мебошад, на аз ҳисоби истифодаи оқилонаи об. Дар айни замон, мувофиқи маълумоти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 65% системаҳои насосӣ корношоям мебошанд, ки ин боиси 40% кам шудани истифодаи об мегардад.

Чоҳҳои обкашонӣ бошанд, беш аз 35 сол қабл парма карда шуда буданд ва дар натиҷаи баста шудани дастгоҳҳои обгирандаи чоҳҳо (филтрҳо) ва обҳои зеризаминӣ , маҳсулнокии он бо мурури замон коҳиш меёбад. Назорати режими обҳои зеризаминӣ хуб ба роҳ монда нашудааст ва барои баланд бардоштани ҳосилнокии обгирандаҳо ҳангоми кор тадбирҳо андешида намешаванд. Нигоҳубини нокифояи иншоот, омода набудани кадрҳои таъмиргар ва норасоии захираҳои молиявӣ барои дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани онҳо мушкилотро боз ҳам вазнинтар мекунанд. На танҳо миқдори зиёди об бефоида талаф мешавад, балки миқдори муайяни неруи барқ низ, ки бо истифодаи энергияи таҷҳизот алоқаманд аст.

Маврид ба зикр аст, ки ҳамасола дар манотиқи ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 35-40 ҳазор гектар замин дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор мегирад. Обёрикунӣ (иригатсия) бошад, дар шароити ҷумҳурии мо як омили муҳимми баландбардории самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили ҳолати муосири захираҳои замину об нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоили бадшавии онҳо идома дода мешавад. Қабати хок, махсусан заминҳои кишоварзӣ, дар натиҷаи истифодаи ҳанноткорона дар аксар ҳолатҳо гирифтори завол ва ифлосшавӣ мегардад, устувориро нисбат ба вайроншавӣ, қобилияти барқарорнамоии хусусиятҳо ва такрористеҳсоли ҳосилхезиашро гум мекунад.

Чунончи, ҳоло бештар аз 60% заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ гирифтори эрозия мебошанд, шӯршавии хок дар 190 ҳаз. га мушоҳида карда мешавад, дар 23% майдонҳои мазраа сатҳи баландшудаи обҳои зеризаминӣ ҷой дорад. Тибқи малумоти Институти заминдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарар аз эрозия соле 150 млн. сомониро ташкил медиҳад, ҳосили бо сабаби шӯргардии хок бадастнаомада 156 ҳаз. тонна, ба маблағи 188 млн. сомониро (ё қариб 39,3 млн. доллари ИМА-ро) ташкил медиҳад. Арзиши талафи ҳосили пахта аз ҳар як га ба зиёда аз 1,5 ҳаз. сомонӣ мерасад. Дар маҷмӯъ, ҳамасола афзоиш ёфтани майдони заминҳои истифоданашуда, биёбоншавӣ, норасоии об ва хушксолӣ сабаби коҳишёбии ҳосилнокии зироатҳо мегарданд. Ҳамзамон, ҳамасола беш аз 40 ҳазор гектар замин дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор дорад.

Бо сабаби равандҳои таназзул (диградация) дар вилояти Хатлон, дар натиҷаи намии аз ҳад зиёд, беш аз 6,0 ҳазор гектар ва бо сабаби вайрон кардани режими обёрӣ 2,8 ҳазор гектар замин аз гардиши кишоварзӣ берун шудааст, ки боиси баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва инчунин шӯршавии замини обӣ гардидааст. Истифодаи интенсивии заминҳои обёришаванда ба якбора бад шудани сифати хок оварда расонд, тавозуни гумус дар хок манфӣ шуда, талафоти он дар давраи солҳои 1993-2015 ба 18,4 тонна/га., расид [4, с.18].

Мушкилоти дигари марбут ба истифодаи захираҳои замин ва об ин норасоии сармоягузорӣ мебошад. Ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба истеҳсолоти аграрӣ-шарти муҳимми рушди он мебошад. Махсусияти хоҷагии қишлокро-мавсимияти истеҳсолот, дараҷаи пасти даромаднокӣ, омилҳои табииву иқлимиро ба ҳисоб гирифта, иштироки мустақим ва дастгирии давлат барои ҷалби сармоягузориҳо ба хоҷагии қишлоқ талаб карда мешавад. Маблағрасонии ҳамасолаи давлатӣ ба рушди кишоварзӣ беҳад кам мебошад. Ба тамоюли шаклгирифтаи коҳишёбандаи ҳиссаи маблағҳои буҷетии ба рушди кишоварзӣ равонашаванда, дар ҳаҷми умумии маблағрасонии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ нигоҳ накарда, татбиқи чорабиниҳои мелиоративӣ ҷоринамоии технологияҳои захирасарфакунанда дар хоҷагии қишлоқ бидуни иштироки давлат имконнопазир мебошанд.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳа таваҷҷуҳи бештар намуда, чунин зикр намудаанд: «...то имрӯз дар самти азхудкунии заминҳои нави обёришаванда, барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми қариб 2 миллиард сомонӣ татбиқ гардидааст ва ҳоло чунин лоиҳаҳо ба маблағи 665 миллион сомонӣ идома доранд» [6, с.19].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағгузории асосии давлатӣ барои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар ду соли охир қатъ шудааст, ки ин ба бадшавии муҳити зист овада мерасонад (ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. –Маблағгузории асосии давлатӣ барои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, миллион сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2017/2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Тадбирҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ | 17,8 | 12,2 | 35,9 | 9,1 | 2,5 | - | - | - |
| Муҳофизат ва истифодаи оқилонаи замин | 8,2 | 4,4 | 4,0 | 6,1 | 2,5 | - | 11,9 | 142 % |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| барои ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об | 8,8 | 7,1 | 31,9 | 3,0 | 9,1 | - | 11,9 | 135% |

***Ҳисоб карда шудааст аз рӯи:Омории солномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе*, АСПРТ, 2018. – С.341-345.**

Пеш аз ҳама, ин фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар истифодаи захираҳои замин ва об ва ташаккули ҷолибияти сармоягузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи замин ва об. Аммо барои ин зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ принсипҳои асосии сиёсати сармоягузории замин ва об таҳия ва қабул карда шаванд, ки ин ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти дарозмуддат бошанд. Онҳо бояд принсипҳои давлатӣ, сиёсати инвеститсионӣ , қоидаҳо ва талаботҳои асосии лоиҳаҳои сармоягузории замин ва об, тартиби баррасӣ ва тасдиқи самтҳои афзалиятноки захираҳои сармоягузорӣ ва ғ. дар бар гирад [2, с.46].

Барои баланд бардоштани сатҳи амнияти экологӣ ва ҳосилхезии хок, ифлосшавии хок, партовҳо ва ғайра, инчунин такмил додани таъминоти метрологии мониторинг дар системаҳои идоракунии об, беҳбуди системаи мониторинги об ва хок барои таъмини ҳолати устувори экологӣ ва мелиоративӣ дар заминҳои мелиоративӣ зарур аст.

Ҳамин тариқ, асосҳои экологӣ ва иқтисодии истифодаи замин ва об дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ нишон медиҳанд, ки тамоюли коҳиш ёфтани ҳосилхезии заминҳои обёришаванда аз ҳисоби кам шудани маблағҳое, ки барои рушди зироаткорӣ гузошта шудаанд, афзоиш меёбад. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи кишоварзии обёришаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таҷдиди сохтори комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ, алахусус, рушду такмил додани ҷойгоҳи истеҳсолот, таҳкими вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат намояд, ки ин дар шароити муносибатҳои бозорӣ махсусан муҳим аст.

## АДАБИЁТ


1. Александр Акимов Мировое население через 300 электронный ресурс: http://demoscope.ru/weekly/2009/0371/tema04.php.
2. Арабов Ф.П. Теоретические аспекты инвестиционной деятельности земельно-водных ресурсов: понятия, сущность и источники формирования [Текст] // Вестник ТНУ, серия экономических наук - Душанбе, 2019. -№5/2. - С.45-48.
3. Арабов Ф.П. Механизм регулирования эколого-экономические использования земельных ресурсов для устойчивого развития // Ф.П Арабов., Р.К Асомуддин // Вестник РТСУ, серия экономических наук –Душанбе, 2019. -№4 (68). - С.80-89.
4. Исайнов Х.Р. Земельно-водные ресурсы сельскохозяйственного назначения республики Таджикистан: эколого-экономические и инвестиционные аспекты // Х.Р Исайнов, Ф.П Арабов / Вестник ТНУ, серия экономических наук –Душанбе, 2019. -№8/1. - С.15-22.
5. Содиков К.А. Место водно-ирригационного потенциала в ресурсном обеспечении производства аридного региона] //В сборнике: национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. сборник научных трудов - Симферополь, 2020. - С. 584-587.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2019.
7. Трансграничное сотрудничество на международных реках: проблемы, опыт, уроки, прогнозы экспертов / (http://www.cawater-info.net/bk/water_law/1_global.htm ( дата обращения 25.05.2019 г).


## АННОТАЦИЯ

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В ОРОШАЕМОМ ЗЕМЛЕДЕЛИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В центре внимания авторов статьи поставлены вопросы механизма регулирования водных ресурсов орошаемых земель в Республике Таджикистан с целью повышения эффективности сельскохозяйственного производства, для достижения

продовольственной безопасности страны. Отмечается, что современное использование земельно-водных ресурсов и рациональное их использование требует комплексного подхода к разработке и обоснованию предложений по совершенствованию экономического механизма при производстве сельскохозяйственных культур на орошаемых землях.

***Ключевые слова:*** *водный ресурс, земельный ресурс, орошение, устойчивое развитие, сельское хозяйство, деградация.*

**ANNOTATION**

**REGULATION OF WATER RESOURCES IN IRRIGATED AREA OF AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The authors of the article focus on the issues of the mechanism for regulating water resources in irrigated lands in the Republic of Tajikistan in order to increase the efficiency of agricultural production to achieve food security in the country. It is noted that the modern use of land and water resources and their rational use requires an integrated approach to the development and substantiation of proposals for improving the economic mechanism in the production of agricultural crops on irrigated lands.

***Key words:*** *water resource, land resource, irrigation, sustainable development, agriculture, degradation.*